## ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз таҳқиқ ва омӯзиши осори академик Ғафуров Б.Ғ. «Тоҷикон» ва асарҳою таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма гирифта, таҳлил ва баррасии муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла К.Д. Ушинский, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, Ю.К. Бабанский, В.А. Сластёнин, К.К. Атоев, Н.А. Бегишева, Степанова О.Н., Парасенко И.П., Подласий М.Т., Коджаспирова, М. Лутфуллозода, К.Б. Қодиров, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Х. Авзалов, Б. Раҳимов, А. Паҳлавонов, А. Нуров, А.М. Мирализода, Ф. Гулмадов ва дигарон дар бар мегирад.

Аз таҳлилу баррасиҳои таҳқиқотии олимон мушаххас гардид, ки масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар илми педагогика ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ ҳалли худро наёфтааст.

Моҳияти кори рисолаи илмии докторанти PhD ба мазмуни шиносномаи ихтисос 6D010301–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ буда, ба бандҳои:

*Банди 1.* Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва уҳдадориҳои татбиқи назарии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ).

*Банди 6.* Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот).

*Банди 7.* Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот, фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ)-и ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки докторанти PhD дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ–таърихӣ

зарурият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, восита ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва навгониҳои илмии таҳқиқотро асоснок карда, фарзия, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқотии масъалаи таҳқиқшавандаро муайян намудааст. Натиҷаи он дар тасдиқи муқаррароти кори илмӣ, дар раванди корҳои озмоишӣ, таҳлил ва хулосабарории корҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳою конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи диссертатсия таҷассум ёфтааст.

Докторанти PhD дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 1 монаграфия, 1дастури таълимӣ ва 12 мақола нашр намудааст, ки аз ин 8- тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1, №5, №51–и шаҳри Кӯлоб, №1, №5, №15–и ноҳияи Восеъ ва №1–и ноҳияи Ховалингро фаро гирифта, дар он 286–нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ ва 284–нафар хонандагони синфҳои муқаррарӣ ҷалб гардидааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро маъхазҳои таърихшиносон, файласуфон, педагогҳо, психологҳо, бостоншиносон, осори мутафаккирони форсу тоҷик, асарҳои олимону муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”ва дигарҳо, ки ба ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, автореферат ва диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии

хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» ба бандҳои 76, 77 ва 79-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, дотсент,**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ ва**
**фарҳангшиносии Муассисаи давлатии**
**таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав"** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

Имзои доктори илмҳои таърих, дотсент
Алимов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ "ДДБ ба номи
Носири Хусрав": Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав",
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail: ktsu78@ mail.ru

01.12.2022.